

**Курсҳои тахассусии Маркази Таълимӣ**

Дар моҳҳои январ ва феврали соли 2010 мутобиқи дархости бонкҳо бо иштироки сармутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон аввалин курсҳои супоришӣ оиди ҳисоботи пулию қарзӣ ва молиявӣ дар омор ва пардохти балансӣ ва курси кӯтоҳмуддат барои хазинадорони нуқтаҳои мубодилаи асъор ташкил ва гузаронида шуд. Аз он ҷумла рӯзҳои 26-30 январи соли равон курси тахассусӣ барои кормандони Идораҳои ҳисобдорӣ ва омор дар мавзӯи: «Стандартҳои байналмиллалӣ дар омори пулию қарзӣ ва молиявӣ», ки дар он 16 нафар корманд аз бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ иштирок намуданд. Рӯзҳои 01-02 феврал дар курсе, ки барои кассирони нуқтаҳои мубодилаи асъор дар шаҳри Душанбе ташкил карда шуд 13 нафар кормандони хизматрасони нуқтаҳои мубодила иштирок намуданд.